10 06 2019

**Имрӯз Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ аз Маркази идоракунии сархади давлатии Кӯшунхои сархадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Чумхурии Точикистон дидан намуданд.**
Тавре иттилоъ дода шуд, марказ пас аз навсозӣ ва мачаххазгардонӣ мавриди истифода карор гирифта, бо муосиртарин дастгоху тачхизоти сохавӣ ва шарту шароити корӣ таъмин гардидааст.
Аснои шиносоӣ, иброз гардид, ки Маркази идоракунии сархади давлатӣ аз нуктаи идоракунии фаврӣ, нуктаи фармондихӣ, маркази алока, хобгох, хучраи корӣ ва дигар иншооти ёрирасон иборат буда, барои фаъолияти корӣ ва назорати хати марзи давлатӣ дар ин чо шароити муосиру техникаи насли нави корӣ фарохам оварда шудааст.
Системаи идоракунии сархад аз воситахои мушохидавии рӯзона ва шабона, воситахои назорати ташкили мухофизати сархад, системаи сабту банаворгирӣ иборат буда, имконият медихад, ки хати марзи давлатӣ ва сифатнок ба рох мондани хизмат дар сархад аз марказ ба тарики мустаким идораву назорат карда шавад.
Мутахассисони соха Рохбари давлатро бо фаъолияти марказ аз наздик шинос намуда, рочеъ ба истифодабарии технологияи муосир ва усули кории он маълумот доданд.
Иттилоъ дода шуд, ки фарохамсозии шароити мазкур имконият дод, ки минбаъд гурӯхи навбатдорон шабонарӯзӣ аз хамин чо тартиби ташкили мухофизати сархад аз чониби сардорони чузъу томхо ва тартиби пешбурди хизмати назоратчиёни сархадиро дар саросари Точикистон назорат намуда, дар холати зарурӣ ба тартиби мухофизати сархад тағйирот ворид намоянд.      Хамчунин, Маркази идоракунии сархадӣ дорои нуктаи махсуси алока буда, барои кабул  ва фиристодани ахбори радиоӣ ва телефонӣ пешбинӣ гардидааст. Дар марказ радиостансияхо ба самтхо таксимбандӣ гардида, хар як самт дар шабакахои алохида фаъолият менамояд. Дар баробари хати мукаррарии баркӣ, тамоми тачхизот ва воситахои алока  барои фаъолияти доимӣ бо панелхои офтобӣ низ таъмин гардидаанд. Бо истифода аз фаъолияти марказ, хамкорӣ байни сохторхои кудратӣ ба воситаи шабакаи алохидаи радиоӣ ва телефонӣ ба рох монда шудааст.
Кобили тазаккур аст, ки, феълан, дар чузъу томхои Кӯшунхои сархадӣ хуччатгузории электронӣ ба воситаи радиостансияхои кӯтохмавч ба рох монда шуда, тамоми отрядхои сархадиву дидбонгоххо имконият доранд, ки тарики  харитаи электронӣ наряди сархадии худро назорат намоянд.
Сарвари давлат, инчунин, бо корбарии Нуктаи фармондихии марказ  шинос шуда, мустакиман хисоботи рохбарону намояндагони Кӯшунхои сархадиро  аз дигар шахру нохияхои мамлакат гӯш карданд.   Нуктаи фармондихӣ бо техникаи муосири корӣ, воситаи махсуси алока ва хати тезсуръати интернет таъмин буда, бо истифода аз ин

имконот метавон бо сарфаи вакт холатхои баамаломадаро аз марказ мустакиман назорат ва халлу фасл намуд. Иттилоъ дода шуд, ки тамоми маълумоти чамъовардашуда хаттӣ ё дар шакли электронӣ ба Нуктаи фармондихӣ барои коркарду кабули карор ворид карда мешавад.
Маркази идоракунии сархадӣ дорои толорхои варзиш, утоккхои корӣ ва хобгох буда, барои такмили махорати касбӣ дар дохили он синфхонаи тирпарронии электронӣ ташкил гардидааст. Синфхона дар асоси барномаи махсуси компютерӣ фаъолият намуда, он бо дастгоххои лазерӣ ва дигар аёниятхои корӣ таъмин мебошад. Бо истифода аз ин имконият, хайати дастгохи марказӣ метавонад, ки  малакаи тирпарронӣ ва махорати худро санчида ба ин васила, такмил дихад.
Толорхои  варзиши марказ низ бо тамоми дастгоху тачхизоти муосир, ки барои машку тамрини бадан пешбинӣ гардидаанд, таъмин мебошад.
Дар мачмӯъ, Маркази идоракунии сархади давлатӣ барои идоракунии чузъу томхои сархадӣ пешбинӣ шуда, бо назардошти стандартхои муосири байналмилалӣ бунёд гардидааст.
Аснои шиносоӣ Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон барои истифодаи самараноки шароиту имкониятхои фарохамовардашуда ба масъулон дастуру супоришхои мушаххас дода, аз кормандони ин ниход даъват ба амал оварданд, ки дар хифзи сархади давлатӣ ва ичрои масъулияти бардӯшдоштаашон хушёру далер ва чусту чолок бошанд.